# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба кори диссертатсионии Шарифзода Абдувалӣ Қурбоналӣ дар мавзӯи “Ганҷинаи дирҳамҳои сомонии Кӯлоб ҳамчун сарчашмаи таърихӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии Номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ. - Душанбе, 2020. 176 с.**

Сиккашиносӣ яке аз шохаҳои пажӯҳиши илм ва аз бахшҳои муҳими илми таърих буда, нақши муассире дар шинохти рӯйдодҳо ва воқеаҳои таърихӣ дорад. Ахбори ин илм имкон медиҳад, ки авзои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии рӯзгоронии даврони куҳан муайян карда шаванд. Агар манбаъҳои хаттии таърихӣ бо супориши шоҳону вазирон таълиф гардида, баъзе масъалаҳоро яктарафа арзёбӣ кунанд, сиккаҳо танҳо ахбори дақиқро, ки шоҳиди ҳоли гузашта будаанд, дар ихтиёри муаррихон қарор медиҳад. Аз ин рӯ, ҳар таҳқиқу баррасие, ки бар асоси сарчашмаҳо бунёд ёфта бошад, аҳамияти муҳими илмиву амалӣ дорад. Рисолаи унвонҷӯ Шарифзода А. Қ. низ аз ҷумлаи чунин рисолаҳост. Унвони рисола, ки «Ганҷинаи дирҳамҳои сомонии Кӯлоб ҳамчун сарчашмаи таърихӣ» ном дорад, дар илми сиккашиносӣ ва таърихнигории тоҷик ва ҷаҳон падидаи нав буда, ба ҳар як мутахассиси соҳа маълумоти нав эҳдо мекунад. Омӯхтану ба илми ватанӣ ворид кардани он ва дар қолаби як рисола баён намудани ин сиккаҳо низ аҳамияти муҳими таърихӣ дорад.

Рисола аз қисмати муқаддимавӣ, се боб, шаш зербоб, хулоса, рӯйхати адабиёт, ихтисорот ва феҳристҳо иборат мебошад.

Дар муқаддимаи рисола муаллиф аҳамияти мавзӯи таҳқиқшавандаро собит карда, сатҳи омӯзиши мавзӯъро низ баён дошта, мақсаду вазифаҳо ва навгониҳои рисоларо нишон додааст.

**Боби якуми рисола** «Ганҷинаи Кӯлоб ва омӯзиши сиккаҳои сомонӣ» ном дошта, аз ду зербоб иборат аст. Дар зербоби якум доир ба таркиби Ганҷинаи Кӯлоб сухан рафта, муаллиф дар ин қисмат теъдоди сиккаҳои ёфтшуда,

ҳолати онҳо, ба кадом сулолаву давраҳо мансуб будани сиккаҳоро баён доштааст. Муаллиф, масъалаи дар ин ганҷина ёфт нашудани сиккаҳои Тоҳириён ва умуман дар қаламрави Тоҷикистонро матраҳ карда, ёфтани иллатҳои онро ба замони оянда ва муҳаққиқони дигар ҳавола кардааст. Дар ин зербоб дирҳамҳои мансуб ба Умавиён, Аббосиён ва Саффориён низ шарҳу тавзеҳ ёфтаанд. Муаллифи рисола дар хусуси дирҳамҳои Сомониён низ муфассал баҳс карда, навиштааст, ки аксари мутлақи сиккаҳо ё 97,5 % аз миқдори умумиро ташкил медиҳанд. Сиккаҳо ба се амири сомонӣ – Исмоил, Аҳмад ва Наср мутааллиқанд. Сипас муаллифи рисола зарробхонаҳои сомониро, ки макони зарб шудани ин сиккаҳо мебошанд, тасвир кардааст. Муаллиф бар асоси омӯхтани сиккаҳо ва қиёси он бо дигар сарчашмаҳои таърихӣ ва сиккаҳои минтақаҳои дигар чанд хулосаи арзишманд ироа кардааст, ки ин аҳамияти рисоларо бештар кардааст.

**Зербоби дуюми боби якум** «Гурӯҳбандии намудҳои дирҳамҳои Ганҷинаи Кӯлоб» ном дошта, ба тавсифи дирҳамҳои умавӣ, аббосӣ, саффорӣ ва сомонӣ ихтисос дода шудааст. Муаллиф дар сиккаҳои умавӣ зиёд будани навиштаҷоти характери динидоштаро бо чунин хулосаи олимона ҷамъбаст мекунад: «Умавиён дар чашми бештари ҳамзамонон ва хосса гурӯҳҳои мухолиф аз машруияти динӣ маҳрум буда, бо ин васила мехостанд бар афкори умум таъсиргузорӣ кунанд». Дар тавсифи сиккаҳои аббосӣ Шарифзода А. ахбори манобеи муътабари таърихиро васеъ истифода бурдааст. Монандӣ ва тафовути сиккаҳо низ нишон дода шудааст. Дирҳамҳои аҳди Саффориён 4 намуд арзёбӣ шуда, аз ҳамдигар бо ҷойгиршавии номи амир ва равиши навиштаҷот аз ҳам тафовут доштаанд.

Аз ҳама муҳим он аст, ки муаллиф сиккаҳои се амири сомониро гурӯҳбандӣ карда, бар асоси маълумотҳои дақиқ солҳои ҳукмронии ҳокими Хуттал - Ҷаъфар ибни Аҳмадро муайян кардааст. Навиштаҷоти зидду нақизи рӯй ва пушти сиккаҳоро низ муаллифи рисола шарҳу тавзеҳ дода, ба хулосаи муҳими илмӣ омадааст. Аз ҷумла, ахбори сиккаҳои сомонӣ роҷеъ

ба Аҳмад ибни Саҳлро муаллиф ба сарчашмаҳои таърихӣ муқоиса карда, мувофиқати ин ахборро таъкид менамояд. Инчунин вобаста ба ахбори сиккаҳо давраи исёни Ҷаъфар ибни Аҳмадро низ баён кардааст. Дар ин зербоб аксу тасвирҳои дар сиккаҳо дарҷшуда низ нишон дода шудааст.

**Боби дуюми рисола** «Зарробхонаҳо ва сулолаи маҳаллии Баниҷуриён» номида шудааст, ки яке аз саҳифаҳои камтар таҳқиқшудаи таърихи халқи тоҷик – сарнавишти сулолаи Баниҷуриёнро маълум кардааст. Дар зербоби якум зарробхонаҳои сомонии Ганҷинаи Кӯлоб таҳқиқу баррасӣ шудааст. Унвонҷӯ қайд кардааст, ки танҳо дар бораи зарробхонаҳое маълумот медиҳад, ки дар бораашон маълумот камтар аст ё масъалаҳои баҳсбарангез доранд, яъне аз такрор ва бозгӯии нозарур парҳез мекунад, ки барои ҳар як муҳаққиқ чунин тарзи таҳқиқ хеле муҳим мебошад. Ҳамчунин, маълумоти дар бораи зарробхонаи Вахш овардашуда далели тоза буда, онро маротибаи нахустин ишора мегардад. Сипас перомуни зарробхонаҳои Маъдин, Анадроба, Суғд, Хуттал, Андичароғ, Қубодиён маълумоти ҷуғрофӣ ва таърихӣ додааст. Вуҷуди чандин зарробхонаҳо аз гардиши муназзами низоми молияю пулии замони Сомониён шаҳодат медиҳад.

**Зербоби дуюм** «Аҳамияти Ганҷинаи Кӯлоб дар таҳқиқи таърихи сулолаи Баниҷуриён» ном дошта, муаллиф пас аз зикри ахбори сарчашмаҳо доир ба ин сулола, ба маълумоти сиккаҳо пардохтааст. Ин қисмат хеле муфассал ва бо риояи усулии баҳси илмӣ таълиф шуда, саҳифаҳои норавшани таърихи сулолаи Баниҷуриёнро кушоду равшан муайян мекунад. Ӯ ба ин бовар аст, ки Баниҷуриён сулолаи маҳаллӣ буда, муддати тӯлонӣ дар Хатлон ҳукумат кардаанд. Сиккаҳои Ҷаъфар ибни Аҳмад бештар аз дигар намояндагони ин сулола буда, ҳикоят аз ҳукуматдорӣ ва қудрати ӯ доранд.

**Боби сеюми рисола** «Сиккасозӣ ва муомилоти пулии Хатлон дар замони Сомониён (асрҳои IX-X)» ном дошта, аз ду зербоб ибрат аст. Зербоби якум «Даврабандии муомилоти пулии Хатлон дар асрҳои IX-X» ном дорад. Манбаи асосии таҳқиқ барои муаллиф сиккаҳои ёфтшуда аз ҳудуди Хатлон

ва феҳристи дирҳамҳои бозёфти маъруфи Шветсия дониста шудаанд. Тавре қайд шудааст, дар ҳудуди Хутлон 6 ганҷинаи хурд ва як ганҷинаи бузурги дирҳамҳои сомонӣ ба даст омадаанд, ки ҳар кадом гӯшае аз таърихи ин минтақаро муайян кардааст. Бар асоси ин бозёфт ва қиёси он бо манбаъҳои таърихӣ муаллиф се давраи муомилоти пулии Хатлонро мушаххас кардааст, ки ҳар кадом вижагиҳои худро доранд. Кам будани сиккаҳо дар давраи савумро муаллиф нишонаи коҳиш ёфтани муомилоти пулӣ дар Хатлон меномад.

**Зербоби охирини рисола** «Маълумоти сиккаҳо дар бораи вазъи сиёсӣ ва баъзе масъалаҳои иқтисодии Хуттал дар асрҳои IX-X» ном дошта, яке аз қисматҳои аслӣ ва асосии рисола ба шумор меравад. Бар асоси маълумоти дар сарчашмаҳои таърихӣ ва ахбори сиккаҳои ба даст омада, чунин тахмин карда шудааст, ки то соли 902 Хуттал аз итоати Сомониён берун буд. Зарб задани сиккаҳои сомонӣ дар Хуттал аз соли 905 то соли 999 идома доштааст. Муаллиф барои ба чунин хулоса расидан, аз дигар сиккаҳои дар Хуттал зарбзадашуда низ истифода кардааст. Дар идомаи зербоб сабабу роҳҳои паҳн шудани сиккаҳои Хуттал дар ҳудуди Аврупои Шарқӣ баён гардида, андоза ва вазни дирҳамҳои Хуттал низ дар давраҳои гуногун нишон дода шудааст. Яке аз афзалиятҳои рисолаи мазкур дар ин аст, ки муаллиф сиккаҳоро бо ҷадвалҳо ишора намуда ва хонандаро бо мушаххасоти тамоми сиккаҳо ошно сохтааст. Дар қисмати поёнии зербоб дар хусуси сиккаҳои муҳрнахӯрда ва сабабҳои роиҷ гаштани он баҳс карда мешавад.

**Хулосаи рисола** натиҷаҳои дар бобҳо бадастомадаро ҷамъбандӣ мекунад.

**Феҳристи дирҳамҳои Хуттал** аз Ганҷинаи Кӯлоб ба рисола замима шуда, аҳамияти муҳими илмӣ дорад ва муҳаққиқонро ба маҷмӯи сиккаҳо ошно мегардонад.

Ҳамин тариқ, рисолаи Шарифзода А.Қ. ба мавзӯи муҳим ва актуалӣ бахшида шуда, ҳадафманд ва бaанҷомрасида мебошад. Барои фароҳам

овардани рисолаи мазкур, муаллиф ба кашфиёти бемисли илмӣ, яъне пайдо кардани ганҷина ноил гардидааст. Гузашта аз таҳқиқи комили ин ганҷина, ки заҳматталаб аст, унвонҷӯ манбаъҳои зиёди хаттии асрҳои IX-X ва осори таҳқиқотии муаллифони ватанӣ ва хориҷиро истифода намудааст, ки он ҷойгоҳ ва аҳамияти рисоларо бештар гардондааст. Хурсандиовар аст, ки дар яке аз музофоти муҳими Мовароуннаҳр – Хатлон ёфт шудани ганҷинаи калони дирҳамҳо саҳифаҳои нав дар таърихнигории миллиро боз мекунад.

Асосҳои назариявӣ ва амалии рисола дар чандин мақолаҳои муаллиф дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА ҶТ дарҷ гардидаанд. Фишурдаи рисола низ матлаби аслии рисоларо дар худ ҷой додааст.

Бо вуҷуди дастовардҳои зиёд дар рисола чанд камбудиҳои ҷузъӣ низ дида мешавад, аз ҷумла:

1. Дар рисола тавсифи ҷуғрофии таърихии давлати Сомониён ба таври бояду шояд, яъне дақиқ таҳқиқ нагардидааст. Аз ҷумла, баъзе минтақаҳои муҳим, ки муаллиф дар рисола овардааст (аз ҷумла Хуросони Шарқӣ) тавзеҳ дода нашудааст, ки хонандаро ба саволу муаммоҳое дучор месозад.
2. Муаллифро зарур буд, ки дар бораи гардиши пул ва қиммати молу коло дар замони Сомониён, ки дар баъзе сарчашмаҳои таърихӣ ва ашъори ин давра дарҷ шудааст, маълумот диҳад.
3. Муаллиф таҳқиқоти баъзе олимони тоҷикро доир ба сиккаҳои сомонӣ соддалавҳона номидааст, аммо онро накушодааст.
4. Дар рисола доир ба моҳияти умумии дирҳампораҳо ва дирҳамҳои зарбнашуда нисбатан маълумоти камтар дода шудааст.
5. Рисолаи илмии номзадӣ 176 саҳифаро дар бар гирифтааст, мутобиқ ба талаботи пешниҳоди рисола матни рисола кутоҳ карда, то 140 саҳифа расонида мешуд, беҳтар буд.
6. Дар рисола хатоҳои техникӣ ва имлоӣ дучор мегарданд, ки ҳусни рисоларо коҳиш медиҳанд.

Аммо ин камбудиҳо арзиши воқеии рисоларо коҳиш дода наметавонанд. Рисолаи унвонҷӯ Шарифзода А. Қ. кори инфиродӣ, натиҷаи таҳқиқи тӯлонӣ ва бар пояи сарчашмаҳои муътабари таърихӣ, аз ҷумла сиккаҳо таълиф гардида, маводи дар он дарҷшуда аҳамияти муҳими таърихӣ ва сарчашмашиносӣ дорад. Рисола тибқи натиҷаҳои бадастомада, истифодаи амалӣ ва сифати вироиш комилан ба талаботи муқаррарнамудаи бандҳои 10, 11, 12, 14, 16 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.11.2016 №505 тасдиқ; гардидааст, мувофиқ; буда, муаллифи он Шарифзода Абдувалӣ Қурбоналӣ барои дарёфти дараҷаи илмии Номзади илмҳои таърих аз руйи ихтисоси 07.00.09 - Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ» арзанда мебошад.

**Доктори илмҳои таърих, и.в.дотсент,**
**Мудири кафедраи “Меъморӣ ва Дизайн”-и**
**факултети сохтмон ва меъмории**
**Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба**
**номи академик М.С.Осимӣ ____________ Тиллоев Сангаҳмад Самадович**
**24.01.2020с.**

**Суроғаи оппонент:**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе,**
**кӯчаи Маяковский 18, кв.4.**
**Тел: 93 522 00 31; E – mail: tilloev58@mail.ru**

***Имзои Доктори илмҳои таърих, и.в.дотсент***
***Тиллоев Сангаҳмад Самадовичро тасдиқ мекунам:***
**Сардори Шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси**
**Донишгоҳи техникии Тоҷикистон**
**ба номи академик М.С.Осимӣ ____________ Шарифова Д.А.**
**24.01.2020с.**